Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

23 декабри соли 2023
Шанбе
№ 102
(15009)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# СОҲАИ МАЪНАВИЯТ АЗ СОҲАҲОИ ДИГАР ДАҲ ҚАДАМ БОЯД ПЕШ БОШАД, МАЪНАВИЯТ БА ҚУВВАИ НАВ, БА ҶУНБИШИ НАВ БОЯД ТАБДИЛ ЁБАД!

**Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 22 декабр ҷамъомади васеи Шўрои ҷумҳурӣ оид ба маънавият ва маърифат баргузор гардид.**





Дар чорабинӣ роҳбарияти Олий Маҷлис ва Девони Вазирон, депутат ва сенаторон, вазирон, ҳокимон ва ҳамчунин намояндагони соҳаи маънавият ва маданият, арбобони адабиёт ва санъат иштирок намуданд.

Тавре ки маълум аст, раиси ин шўрои ҷумҳурӣ Президент ба шумор меравад, раисони шўроҳо дар маҳалҳо бошад – роҳбарони аввали минтақаҳо мебошанд. Сабаб он аст, ки илм, маориф, тарбия ва маънавият дар мамлакатамон масъалаи аввалиндараҷа мебошад.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки барои рушди ин соҳаҳо пойгоҳҳои мустаҳками иқтисодӣ лозим аст ва чорабиниҳоеро номбар намуд, ки дар ин самт андешида мешаванд. Аз он ҷумла, соли ҷорӣ барои соҳаи иҷтимоӣ маблағи хеле зиёд – 134 триллион сўм ҷудо карда шудааст. Дар муқоиса бо соли 2016 ин 5-6 баробар зиёд мебошад.

Таъкид гардид, ки суръати рушд дар ҷаҳон хусусияти суръатнок касб намуд, таъсири ҷараёнҳои номуносиб мамлакати моро низ дар канор намегузоранд.

– Аз таърих маълум аст, ки дар вазъияти мураккаб, вақте ки таҳдид ба Ватан ва тақдири халқ пурзўр мегардад, маҳз ватанпарварони шуҷоъи миллат – вакилони аҳли зиё, шоирон ва нависандагон, арбобони санъат, ходимони соҳаҳои маънавият ва маърифат бо қалб ва дили бедор ба майдон мардонавор баромадаанд. Ҳоли ҳозир, вақте ки мамлакатамон ба марҳалаи нави баланди тараққиёти худ дохил мегардад, бароямон мисли об ва ҳаво чунин кадрҳои комил мисли ниёгони ҷадидамон лозиманд, ки дар қатори аз худ намудани дастовардҳои илми Ғарб инчунин дар рўҳи арзишҳои миллӣ тарбия ёфтаанд, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев.

Муайян карда шудааст, ки қарори Президент дар бораи омўзиш ва рушди ғояҳои ниёгони ҷадидамон қабул мегардад.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

(Давомаш дар саҳ.2).

## ҚАШҚАДАРЁ СОҲИБИ ДУ ГРАНТИ ҶОПОН ШУД

***Соҳаи тандурустӣ солҳои охир дар вилояти Қашқадарё рў ба пешравӣ оварда, мушкилоти мавҷуда яке паси дигар бартараф мешаванд, ки ин ба беҳтар гардидани сифати хидматрасонии тиббӣ мусоидат менамояд.***

Ҳукумати ҷумҳурӣ соҳаро аз ҳисоби сармояҳои дохиливу хориҷӣ дар ин вилоят низ куллан ислоҳ мекунад ва дар ин самт чандин нақшаи хуб роҳандозӣ шудаанд, ки қобили таҳсин мебошанд. Бо таҷҳизоти наву замонавӣ таъмин сохтани бемористонҳо аз ҷузъи муҳими ин нақшаҳо ба шумор меравад.

Ин аст, ки аз се гранти молиявие, ки сафоратхонаи Ҷопон дар Ўзбекистон барои рушди соҳаи ҳифзи сиҳҳатии кишвар ҷудо кард, дутоаш насиби вилояти Қашқадарё гардид. Бахши қашқадарёии Маркази тиббии илмию амалии микроҷарроҳии чашми ҷумҳурӣ бо дарёфти гранти 104 ҳазор доллар муваффақ гардид, ки метавонад барои бартараф сохтани катаракти чашм таҷҳизоти замонавии тиббӣ харид кунад. Гранти дигар, ки иборат аз 108 ҳазор долларИ ИМА мебошад, ба Иттиҳодияи тиббии шаҳри Шаҳрисабз супурда шуд. Ин бунгоҳи тиббӣ ният дорад, дастгоҳҳои пешрафтаеро харид созад, ки саратони синаро дар оғози зуҳураш мушаххас месозад. Зеро бино ба гуфтаи мутахассисон, агар ин бемории ҷиддӣ дар оғози пайдоишаш муайян гардад, илоҷи табобат афзуда, талафот дар байни бонувон камтар мегардад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**



*Дар ноҳияи Музработи вилояти Сурхондарё аз ҷониби корхонаи хусусии «Алпомиш Сервис Инвест» коргоҳи истеҳсолии сўзандоруҳои якдафъаинае, ки ба онҳо талабот зиёд аст, ташкил гардид.*

*Корхона аз ҷумлаи камтарин хатҳои истеҳсолии мамлакатамон ба шумор меравад. Вай пурра бо технологияҳои хориҷӣ таҷҳизонида шудааст. Дар давраи аввали лоиҳа 50 нафар бо кор таъмин шуданд. Дар он истеҳсоли сўзандоруҳои тиббии якдафъаинаи ду, панҷ ва даҳ миллиграммӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин ҷо соле 200 миллион дона сўзандоруҳои тиббии якдафъаинаи арзону босифат тайёр карда ва ба супоришдиҳандагон расонида мешаванд.*

***Дар сурат:** дар корхонаи хусусии «Алпомиш Сервис Инвест»-и ноҳияи Музработи вилояти Сурхондарё.*

***Суратгир: Ҷ. ҚЎЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

## НИГОҲ АЗ ФАРОНСА:

## ИҚТИДОРИ САЙЁҲИИ ЎЗБЕКИСТОН – ХЕЛЕ УМЕДБАХШ ВА САМАРАБАХШ

***Дар Париж барномаи «French Tourism Days 2024 - Ouzbekistan», ки барои ширкатҳои фаронсавӣ, ки дар бахши сайёҳӣ ва хидматрасонӣ фаъолият мекунанд ва мехоҳанд ба бозор ворид шаванд, пешбинӣ шудааст, намоиш дода шуд.***

Дар сафорати кишвари мо дар Париж муаррифии иқтидори сайёҳии Ўзбекистон, ки якҷоя бо агентии «Business France», ширкати «Dualest» ва ассотсиатсияи AFOR ташкил шудааст, баргузор гардид.

Дар чорабинӣ намояндагони ширкатҳои сайёҳӣ, доираҳои тиҷоратӣ ва фарҳангии Фаронса ширкат доштанд.

Сафири Ўзбекистон Сардор Рустамбоев, директори тиҷоратии ширкати «Dualest» Софи Ланфранши ва роҳбари ассотсиатсияи AFOR Навбаҳор Ханиязова дар суханрониҳои худ иқтидори ғании сайёҳии Ўзбекистонро қайд намуданд.

Қайд гардид, ки ҳамасола миллионҳо сайёҳони хориҷӣ ба Ўзбекистон меоянд. Онҳоро зебоии табиати Ўзбекистон, ёдгориҳои азими меъмории мусулмонии асримиёнагӣ, гастрономия, меҳмоннавозии бемисли халқи Ўзбекистон мафтун месозад.

Фаронса аз рўйи шумораи сайёҳони хориҷӣ, ки ба Ўзбекистон меоянд, ба таври анъанавӣ дар байни кишварҳои Аврупо ҷойи аввалро ишғол мекунад. Кишварҳои моро парвозҳои бевосита аз Париж ба Тошканд ва Урганҷ мепайвандад, ки дар тўли 30 сол ширкати ҳавопаймоии «Uzbekistan Airways» анҷом медиҳад.

Ин барнома барои ширкатҳои фаронсавӣ, ки дар бахши сайёҳӣ ва хидматрасонӣ фаъолият мекунанд ва мехоҳанд ба бозори Ўзбекистон ва тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ворид шаванд, бо шарикони маҳаллӣ робитаҳои тиҷоратӣ барқарор кунанд, ноу-хау, ҳалли инноватсионӣ ва маҳсулот пешниҳод намоянд ва пешниҳодҳо барои рушди экосистемаи сайёҳии кишвари мо тақдим кунанд, пешбинӣ шудааст.

Дар доираи барнома боздид аз шаҳрҳои Урганҷ, Хева, Тошканд, Самарқанд ва Бухоро ва ташкили вохўриҳои B2B бо шарикони эҳтимолии маҳаллӣ дар ҳар як шаҳр ба нақша гирифта шудааст. Барнома намудҳои гуногуни сайёҳӣ, аз ҷумла экотуризм, тиҷорати меҳмонхонаҳо, этнотуризм, менеҷменти осорхонаҳо, таъминоти барномавӣ барои операторони сайёҳӣ, бронкунӣ, ҳисобкунии муштариён, таълим, омўзиш ва бозомўзии кадрҳо ва ғайраро дар бар мегирад.

Иштирокчиёни чорабинӣ дар рафти суҳбат бо хабарнигори АИ «Дунё» ба иқтидори сайёҳии Ўзбекистон баҳои худро дода, нуқтаи назарашонро дар бораи пешомади ҳамкорӣ ба ҳам диданд.

**Намояндаи ширкати «Eurotel» аз шаҳри Нанта Франсуа БАРРЕ:**

– Чорабинӣ дар сафоратхона нишон дод, ки соҳаи сайёҳии Ўзбекистон босуръат рушд карда истодааст. Ин инчунин ба инфрасохтори меҳмонхонаҳо дахл дорад, ки барои қабули сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Ширкати мо ба пешниҳоди хидматҳои машваратӣ дар соҳаи меҳмонхона тахассус дорад. Дар доираи барномаи «French Tourism Days 2024 - Ouzbekistan» мо омодаем пешниҳодҳои худро оид ба такмил додани меҳмонхонаҳо, аз ҷумла, оид ба масъалаҳои таъмини амният ва беҳтар намудани истироҳати сайёҳони хориҷӣ, ки аз Аврупо, Осиё ва Амрико меоянд, пешниҳод кунем.

**Муовини мири коммунаи Венисё дар таркиби метрополии шаҳри Лион София БРИК:**

– Макони сайёҳии Ўзбекистон ба назар хеле умедбахш ваояндааш дурахшон менамояд. Аксари сайёҳони фаронсавӣ ба Ўзбекистон таваҷҷуҳ доранд ва мехоҳанд аз шаҳрҳои таърихии Самарқанд, Бухоро ва Хева дидан кунанд.

Ман намояндаи яке аз коммунаҳои шаҳри Лион мебошам. Чунон ки маълум аст, дар байни шаҳрҳои Лион ва Самарқанд алоқаҳои бародаршаҳрӣ муқаррар шудаанд. Лион таърихан маркази саноати шоҳибофии Фаронса мебошад. Самарқанд муҳимтарин шаҳр дар чорроҳаи Роҳи бузурги абрешим мебошад, ки тамаддунҳои Ғарб ва Шарқро мепайвандад. Мо тарафдори онем, ки шарикии байни шаҳрҳои мо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла фарҳанг, табодули сайёҳӣ ба манфиати сокинони Лион ва Самарқанд инкишоф ёбад.

**Директори рушди ширкати «Dualest» Софи ЛАНФРАНШИ:**

– Чанд рўз қабл дар сафорати Ўзбекистон дар Париж иқтидори сайёҳии Ўзбекистон бомуваффақият муаррифӣ шуд. Бо камоли мамнуният бояд қайд намоям, ки дар муаррифӣ намояндагони соҳаи сайёҳӣ ва сохторҳои гуногуни марбут ба он аз Париж ва минтақаҳои гуногуни Фаронса ширкат доштанд.

Дар Ўзбекистон ҷойҳои зиёди сайёҳӣ, ёдгориҳои меъмории асрҳои миёна, осорхонаҳо ва боғҳои истироҳатӣ мавҷуданд.

Чунин ба назар мерасад, ки барои ҷалби бештари сайёҳони хориҷӣ, омўзиши таҷрибаи Фаронса дар бахши сайёҳӣ барои мутахассисон, меҳмонхонаҳо ва туроператорҳои ўзбек муфид хоҳад буд.

Имрўз мо бо камоли хушнудӣ барномаи «French Tourism Days 2024 – Ouzbekistan»-ро муаррифӣ кардем, ки ба мутахассисони фаронсавӣ дар соҳаи сайёҳӣ имкон медиҳад, ки бо шарикони ояндаи ўзбекистонӣ дар маҳал мулоқот кунанд, пешниҳодҳои худро оид ба ҳамкорӣ пешниҳод намоянд, таҷрибаро оид ба қабули гурўҳҳои сайёҳӣ, навсозии инфрасохтори меҳмонхонаҳо ва дигар соҳаҳо ба ҳам бинанд.

**АИ «Дунё»,**
**шаҳри Париж.**

# СОҲАИ МАЪНАВИЯТ АЗ СОҲАҲОИ ДИГАР ДАҲ ҚАДАМ БОЯД ПЕШ БОШАД, МАЪНАВИЯТ БА ҚУВВАИ НАВ, БА ҶУНБИШИ НАВ БОЯД ТАБДИЛ ЁБАД!

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз он ҷумла, дар маҳалли таърихии Бухоро Музейи давлатии мероси ҷадидон сохта мешавад. Рӯзномаи нави «Ҷадид» ба нашр оғоз менамояд.

Дар солҳои охир корҳои вусъатнок дар соҳаи маънавияту маърифат ба амал меояд. Фонди мақсаднок оид ба дастгирии соҳаҳои маънавият ва эҷод таъсис ёфта, инчунин Донишкадаи тадқиқотҳои иҷтимоиву маънавӣ бунёд мегардад. Миқдори кормандон дар низоми Маркази ҷумҳурии маънавият ва маърифат ду баробар зиёд гардида, чорабиниҳо оид ба рағбатноксозии модӣ андешида мешаванд.

Дар рушди соҳа Қонуни қабулгардида «Дар бораи фаъолияти маданӣ ва ташкилотҳои маданӣ» аҳамияти муҳим касб менамояд. Бо мақсади ҳифз ва ғанӣ сохтани анъанаҳои миллӣ марказҳои мақом, санъати бахшӣ ва аския ба вуҷуд оварда шудааст. Инчунин фаъолияти беш аз 20 муассиса, мисли дастаи рақси «Баҳор», Филармонияи давлатӣ, Оркестри давлатии симфония роҳандозӣ гардиданд. 11 музейи нав, 2 театр, 28 мактаби мусиқӣ ва санъати бачагона, 5 муассисаи олии таълим ба вуҷуд оварда шуданд.

Умуман, ҳаҷми дастгирии давлатии соҳаҳои маданият ва санъат дар муқоиса бо соли 2017 панҷ баробар афзуда, соли 2023 ба ин мақсадҳо маблағ дар ҳаҷми беш аз 712 миллиард сӯм равона карда шудааст.

Чунин ҷашнвораҳои байналхалқӣ, мисли «Мақом», «Санъати бахшӣ», ҳунармандӣ, «Лазгӣ» ба ҳукми анъана даромадааст. Рӯзҳои маданияти Ӯзбекистон дар 24 мамлакати хориҷӣ, аз он ҷумла давлатҳои ҳамсоя дар дараҷаи баланд баргузор гардиданд.

Дар солҳои охир ба Рӯйхати мероси мадании ғайримодии ҷаҳонии ЮНЕСКО боз 9 намунаи мероси миллиамон, шаҳри Бухоро бошад, ба «Шабакаи шаҳрҳои эҷодӣ» дохил гардиданд. Моҳи сентябри соли ҷорӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО рӯзи таваллуди ниёи бузургамон Абурайҳони Берунӣ васеъ ҷашн гардид.

Санъати киноИ Ӯзбекистон низ ба роҳи инкишоф рӯ меорад. Филмҳои таърихӣ дар бораи сарлашкарҳо ва мутафаккирони бузургамон ба навор бардошта мешавад. Тақрибан пас аз чоряк аср Ҷашнвораи байналхалқии киноИ Тошканд эҳё гардид.

Хиёбони адибон ба вуҷуд оварда шуда, бинои муҳташами Иттиҳоди нависандагон дар пойтахт бунёд гардида, дар минтақаҳо хонаҳои нави эҷодӣ сохта шуданд. Адибоне, ки фаъолияти эҷодии босамар доранд, бо манзили нав дар асоси имтиёз таъмин карда шуданд. Арбобони маъруфи эҷодӣ васеъ қайд гардид. Бо мақсади дастгирии ҳамаҷонибаи истеъдодҳои ҷавон Семинари Зомин барқарор карда шуд.

Чунин маҷмӯаҳои адабӣ, мисли «Дурдонаҳои адабиёти турк»-и 100-ҷилда, «Навоишиносии давраи истиқлол»-и 30-ҷилда, «Дурдонаҳои адабиёти қароқалпоқ», «Ҳадя ба аскари ҷасур», ки бори аввал нашр гардиданд, дар ҳаёти маънавиамон рӯйдоди муҳим гардиданд.

Дар ҷамъомад вазифаҳои бартаринок дар ин самтҳо баррасӣ гардиданд. Роҳбари давлат назари худро бинобар нӯҳ самти кор иброз намуда, ташаббусҳои муҳимро изҳор кард.

Таъкид шуд, ки пеш аз ҳама бояд ҳуҷҷати алоҳидаи барномавӣ оид ба рушди ғояи миллӣ таҳия намуд, ки барои корамон дар соҳаи маънавият ва маърифат чун дастури методӣ хидмат хоҳад кард.

Бо таассуф таъкид шуд, ки дар байни баъзе гурӯҳҳо ҳодисаҳои боло гузоштани фикрҳои динӣ, ки ба Конститутсия ва қонунҳои мо мухолиф мебошанд ва ҳатто аз онҳо боло гузошта мешаванд ва арзишҳои дунявиро гуноҳ мешуморанд, пурзӯр мегарданд. Президент суханони маърифатпарвари бузург Ибратро мисол оварда, ки гуфтааст: «Агар уламо меҳнат кунад, миллат албатта беҳтар мегардад». Таъкид шуд, ки зиёиён, насли куҳансол, ҳамватаноне, ки ҳаҷ ва умраро анҷом додаанд, бояд маънавиятро тарғиб намоянд, одамонро ба корҳои нек ҳидоят кунанд.

Таълим дар маркази диққат боқӣ мемонад. Зарур аст, ки дар ин соҳа низ баробарӣ таъмин гардад, аз он ҷумла, дастрасии духтарон ба таълим ва таҳсили касбӣ барои рушди ҷамъият аҳамияти муҳимро молик аст, таъкид шуд дар ҷамъомад.

Дуюм, масъулияти ҳокимон барои корҳои маънавияту маърифат баланд бардошта мешавад. Дар шаҳру ноҳияҳо хонаҳои маънавият ва маърифат кушода мешаванд.

– Ҳоло соҳаи маънавият аз соҳаҳои дигар даҳ қадам бояд пеш бошад, маънавият ба қувваи нав, ба ҷунбиши нав бояд табдил ёбад! – гуфт Президент.

Дар асоси пешниҳодоте, ки намояндагони аҳли зиё дар воҳӯрии начандон пеш дар вилояти Сурхондарё иброз намуданд, барилова ба сектори 4, ки дар минтақаҳо фаъолият мебаранд, сектори маънавият ташкил хоҳад гардид. Сектор ба сифати сохтори кории шӯроҳо оид ба маънавият ва маърифат фаъолият хоҳад кард.

Сеюм, барномаи рушди санъати театрӣ таҳия мегардад. Дар он фармоишҳои эҷодӣ барои песаҳои беҳтарин, баланд бардоштани истеъдоди ходимони эҷодӣ ва ёрирасон дар хориҷ, таъсиси мукофоти ба номи Маннон Уйғур барои коргардонҳои ҷавон ва дигар чорабиниҳо пешбинӣ мегарданд.

Аҳамияти моҳе як рӯзро «Рӯзи театр» эълон намудан дар идораҳо ва муассисаҳо, ташкили боздиди ҷамоаҳо аз театрҳо таъкид гардид.

Чорум, дар мазмуннок гузарондани фароғати аҳолӣ фаъолияти 837 маркази маданӣ хеле муҳим аст. Дар онҳо қариб 4 ҳазор маҳфил фаъолият дорад, ки беш аз 120 ҳазор нафар вакилони ҷавонон машғул мебошанд.

Аммо баъзе марказҳо бинои худро надоранд, ба 8 ҳазор дастгоҳи мусиқӣ эҳтиёҷ вуҷуд дорад. Ба ҳокимон супоришҳои марбут дар ин бора супурда шуд.

Инчунин аз соли оянда эътиборан дар ҳар як ноҳия фаъолияти як маркази маданӣ ташкил карда мешавад, ки соҳиби толори тамошобин, китобхона, кинозал ва хонаҳои маҳфил бошанд. Барномаи оид ба беҳсозии пойгоҳи модиву техникии беш аз 600 ҷамоаи бадеии ҳаваскор дар маҳалҳо қабул мегардад ва барои ин 100 миллиард сӯм равона мекунем.

Панҷум, омӯзиши илмӣ ва рушди санъати мақом ва бахшӣ пурзӯр карда мешавад.

То ҳанӯз 120 мақом, достонҳои санъати бахшӣ, суруд ва таронаҳои халқӣ барои «фонди тиллоӣ» сабт гаштаанд. Ба қарибӣ Президент қарорро дар бораи ҳифз, омӯзиши илмӣ ва тарғиби мероси ғайримодии маданӣ ба имзо расонд. Дар он, аз он ҷумла, вазифаҳо оид ба вуҷуд овардани Донишкадаи маданиятшиносӣ ва мероси мадании ғайримодӣ, пажӯҳиши мусиқа ва фолклори қадима мушаххас карда шудааст, ба андозаи замонавӣ табдил додани беш аз 3 ҳазор достон, мақом ва асарҳои фолклорӣ, ки дар фондҳои мамлакатамон нигоҳдорӣ мешаванд, пешбинӣ гаштааст.

Хабари муҳими дигар ин аст, ки мактабҳо бунёд хоҳанд шуд, ки анъанаҳои нодири намунаҳои мероси фарҳангӣ, аз қабили мақом, катта ашӯла, санъати бахшӣ, атласу адрас, кулолгарӣ ва заргариро идома медиҳанд.

Шашум, инкишофи мусиқӣ ва рақс минбаъд ҳам дастгирӣ карда мешавад. Аз ҷумла, дастаи «Баҳор» фаъолияти худро дар кохи машҳури санъат, ки пештар филармония дар он ҷо воқеъ буд, пеш мебарад. Гастролҳои ансамблҳои машҳури суруд ва рақс ба хориҷа зиёд карда мешаванд. Бо мақсади аз ҷиҳати илмӣ омӯхтани масъалаҳои санъати мусиқӣ ва рақс, зиёд кардани кадрҳои илмӣ дар ин соҳа грантҳо барои тадқиқоти илмӣ ҷорӣ карда мешаванд.

Бинои Сирки давлатии Тошканд низ таъмир карда мешавад.

Ҳафтум, дипломатияи фарҳангӣ дар хориҷа густариш хоҳад ёфт. Соли оянда дар Тошканд конфронси иқтисоди созанда ва дар Нукус конфронси байналмилалии илмии “Маданияти баҳри Арал” баргузор мешавад.

Барномаи ҳафтсолаи такмил додани фаъолияти музейҳо қабул карда мешавад. Дар назар дошта шудааст, ки биноҳои нави Музейи таърих ва Музейи санъат сохта шаванд.

Экспозитсияи музейҳои таърихи Темуриён ва Табиат нав карда мешавад. Музейи адабиёти ба номи Алишери Навоӣ аз таъмири асосӣ баровард мешавад.

Илова бар ин, дар осорхонаҳо, бахусус дар Маркази тамаддуни исломӣ экспозитсияҳои нав дар бораи Эҳёи якум ва дуюм, таърихи давлатдорӣ ва фаъолияти мутафаккирони бузург ташкил карда мешаванд.

Фаъолияти Маркази миллии таъмиргарӣ якҷоя бо Фаронса таъсис дода мешавад. Ҳифз ва барқарорсозии саҳифаҳои Қуръони Усмон низ анҷом дода мешавад.

18 ёдгории археологӣ, ки аз таърихи қадимаи кишвари мо нақл мекунанд, ба осорхонаҳои осмони кушод табдил меёбанд. Инчунин дар Самарқанд боғҳои Соҳибқирон Амир Темур барқарор карда шуда, осорхонаи «Роҳи бузурги абрешим» сохта, маҷмӯи Бибихоним тармим карда хоҳад шуд.

Ҳаштум, инкишофи кинематография такони нав пайдо мекунад. Барномаи офаридани филмҳои бадеӣ бахшида ба гузаштаи пуршарафи Ватани мо аз силсилаи «Таърихи зинда» тартиб дода мешавад. Дар татбиқи ин барнома на танҳо шахсиятҳои эҷодии ватанӣ, балки хориҷӣ, ширкатҳои синамо ва сармоягузорон низ ҷалб карда мешаванд. Зарурати таъмини офариниши филмҳои бисёрсериягии аниматсионӣ оид ба роҳи ибратбахши аҷдоди бузурги мо низ зикр гардид.

Барои инкишофи кино на танҳо чун санъат, балки дар ҳамоҳангӣ бо соҳаи иқтисодиёт вазифа гузошта шуд, ки дар вилоятҳои Бухоро, Самарқанд ва Тошканд минтақаҳои озоди иқтисодии киносозмон дода шаванд.

Зарурати ислоҳсозии куллии низоми офаридани сериалҳои миллӣ, аз ҷиҳати ғоявию бадеӣ ва техникӣ, ба дараҷаи ҷозибанок расондани онҳо зикр гардид. Ба ин мақсад пешниҳод шуд, ки “Cinema Park”-и ба минтақаи озоди иқтисодии “IT Park” монанд ташкил карда шавад.

Нӯҳум, барномаи алоҳидаи инкишофи минбаъдаи соҳаи санъати тасвирӣ ва амалӣ қабул карда мешавад. Аз ҷумла, Толори марказии намоишгоҳ аз рӯи стандартҳои ҷаҳонӣ таҷдид ва муҷаҳҳаз мегардад. Дар ҳудуди Хазинаи бадеӣ галереяи замонавӣ ва Маркази рассомони ҷавон, ки аз 40 устохонаи эҷодӣ иборат аст, сохта мешаванд. Барои бо амалия пайвастани санъати хаттотӣ ва санъати миниатюрӣ устохонаи таълимию истеҳсолии тайёркунии коғаз бо услуби миллӣ ташкил карда мешавад.

Барои баланд бардоштани сифати таълим дар маҳалҳо, боло бурдани маоши омӯзгорони мактабҳои мусиқӣ ва санъат, аз ҳисоби буҷет пӯшонидани хароҷоти коммуналии мактабҳо ташаббусҳо ба миён гузошта шудаанд.

Сарвари давлат ба баланд бардоштани самаранокии таълими забони ӯзбекӣ таваҷҷӯҳи махсус дод. Муқаррар шудааст, ки ба омӯзгорони фанни «Забон ва адабиёти ӯзбек», ки шаҳодатномаи миллӣ доранд, аз соли таҳсили оянда ба андозаи 50 фоиз иловапулӣ дода мешавад.

Дар баробари ин, барои ҳавасманд намудани ҳамватаноне, ки бо забони дигар таҳсил мекунанд, ба омӯзиши забони давлатӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Илова бар ин, соатҳои таълими забони давлатӣ дар мактабҳои тахассусӣ бо забони дигар зиёд карда мешавад. Олимпиадаи фаннӣ аз забони ӯзбекӣ баргузор мешавад.

Кори дар бобати баланд бардоштани маданияти китобхонӣ оғозёфта идома дода мешавад. Ҳаҷми фармоишҳо барои нашри китобҳо ва миқдори ҳаққи қалам ба муаллифон ва тарҷумонҳо зиёд карда мешавад. Барои тавсеаи имконоти молии корхонаҳои табъу нашр ва матбаа онҳо ба муҳлати 5 сол аз пардохти андоз озод карда мешаванд.

Президент ба аҳамияти касби тарҷумонӣ дахл карда, пешниҳод кард, ки ҷоизаи байналмилалии ба номи Огаҳӣ барои муносиб рағбатнок гардондани меҳнати онҳо таъсис дода шавад.

Аҳамияти ривоҷ додани адабиёти интернетӣ қайд гардида, вазифа гузошта шуд, ки ба ин мақсад портали «Фарҳанги Ӯзбекистон» таъсис дода шавад, ки он мавзӯъҳои адабиёт, кино, таърих, санъат ва эҷодиёти шифоҳии халқро инъикос намудааст.

Дар ҷамъомад адибону шоирон, ходимони маданияту санъат, шахсони масъули соҳа ба сухан баромада, фикру мулоҳиза ва таклифҳои худро баён карданд.

**ЎзА.**




*Табибони поликлиникаи рақами 89-уми ноҳияи Олтиариқи вилояти Фарғона бо усули хонадонбайъ ба бештар аз 22 ҳазор аҳолӣ хидмат мерасонанд.*

*– Ба рӯйхати электронӣ ворид намудани аҳолӣ кори моро хеле осон кард, – мегӯяд мудири поликлиника Марҳабо Алиева. – Аҳолиро ба гурӯҳҳо ҷудо кардем. Ҳолномаи беморон таҳти назорат аст. Онҳо метавонанд дар хона истода ба қабули табибон нависонанд. 11 бригада, як табиби оилавӣ ба ҳар 2 ҳазор нафар аҳолӣ, 2 ҳамшираи патронажӣ, як доя ва як ҳамшираи навбатдор ба аҳолӣ хидмат мерасонанд.*

*Табибону ҳамшираҳо, ба мақсади баланд бардоштани сатҳи маданияти тиббии аҳолӣ, корҳои профилактикӣ ва фаҳмондадиҳиро анҷом медиҳанд. Дар байни куҳансолон, занони синни зоиш ва бачаҳо тарзи ҳаёти солим пайгирона тарғиб карда мешавад.*

***Дар акс:** дар поликлиникаи оилавии мазкур.*

***Аксбардор: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

## ХАБАРҲО

### ИҒВОГАР БА МАҚСАД НАРАСАД

***Дар давраи мураккабу пуршиддат басарбариамон маълум. Чанде пеш ҳамраиси ҳизби «Справедливая Россия – за правду» Захар Прилепин дар маркази матбуоти «Русияи имрӯз» оиди аз нав барқарорсозии ҳудуди собиқ шӯравӣ фикрҳои носолим баён карда буд, ки ин боиси ташвишу нигаронии умум гардид.***

Сафири Фавқулода ва Мухтори Русия дар Ӯзбекистон О. Малигин ба Вазорати корҳои хориҷии мамлакати мо ташриф овард ва воқеан иғвогарона будани баромади Прилепинро тасдиқ намуд. Вай гуфт Федератсияи Русия ба чунин муносибати риёкоронаи роҳбари ҳизби зикршуда муросо карда наметавонад. Буҳтон, иғво ва дасисабозие қодир нест ба рӯҳи шарикии стратегии ҳарҷонибаи ду мамлакат ва мустақилии комили аъзои ИДМ таъсир расонад.

### ҲАМКОРӢ ДАР ТАРҒИБИ ТАРЗИ СОЛИМИ ЗИСТ

***Байни Вазорати сиёсати ҷавонон ва варзиш, Ассотсиатсияи тарзи солими зист ва фитнеси Ӯзбекистон ва Иттиҳодияи мураббиёни фитнеси Индонезия дар шакли видеоконфронс вохӯрӣ ба амал омад.***

Дар давоми вохӯрӣ ба ҷониби Индонезия дар хусуси тарзи зисти солим дар Ӯзбекистон, ҳамчунин фаъолияти ассотсиатсия маълумот дода шуд. Таъкид ёфт дар ин мамлакат бобати мустаҳкамсозии тарзи солими зист, тарғиби васеи тамоюлҳои солими тановул байни аҳолӣ,ташаккул додани қобилияти ҷисмонии шаҳрвандони синну соли гуногун корҳои муҳим пеш бурда мешаванд. Айни замон оиди зарурияти ба роҳ гузоштани ҳамкориҳо байни Ӯзбекистону Индонезия дар масъалаи тарзи солими зист мулоҳизаҳо баён гаштанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# СОҲИБКОРИ ХУДРӮЙ ВА МУВАФФАҚ

***Ин толори васеъ ва муҳташам, ки аз фарш то сақфи баланди қисмати пешаш комилан оинабанд аст, дар қади роҳи калони маҳаллаи «Ҳалқобод» воқеъ афтодааст. Ин роҳ боз ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаҳои «Гулобод» ва «Карсагон»-ро ба ҳам пайваста, дарёи Хоҷаи Покро гузашта, ба деҳаҳои дигари ноҳияи Олтинсой мебарад. Аз ин рӯ, ҳамеша серодам аст.***

Дар ҳамин толори муҳташам, ки вазифаи мағозаро низ дар ӯҳда дорад, маҳсули дастони муъҷизаофари устоҳои номии корхонаи оилавии «Файз-мебел» бо салиқаи хосе чида шудаанд. Дар берун, дар саядави дарахтон ҳам чандин сандуқ, мизу курсӣ, ҷиҳозу муҳимоти дигари хона ба назар мерасанд, ки ба раҳгузарон мавҷудияти як коргоҳи мебелсозиро намоиш медиҳанд. Аз субҳи содиқ то шоми торик ин ҷо серодам аст. Аз ду бари кӯча мошинҳоро гузошта, харидорони зиёде вориди мағоза мегарданд. Акаи Исматуллоҳ, марди миёнақади хандонрӯ, аз саҳар то бегоҳ бо пазироии харидорон андармон аст. Маҳсулоти тайёрро муаррифӣ мекунад, як-як нархашро гуфтаву то ҳадди имкон аз сифати хубашон сухан ба миён меоварад. Он сӯтар – дар як гӯшаи ҳавлии саросар дарахтзор биноИ коргоҳ ҷойгир шудааст ва аз дохили он мунтазам овози дастгоҳҳои муқтадир, чун арраи барқӣ, харротӣ, суфтагариву васлнамоӣ ба гӯш мерасанд. Се-чор ҷавон пайвасто машғули кор ҳастанд. Ҳар кадом вазифаи худро доранд ва ҳангоми зарурат машварат карда, дубора аз пайи шуғли худ мераванд. Онҳо аз тахтачӯби «МДФ» ва ашёи хоми дигар андоза гирифтаву қисмҳои ҷевони китоб, зарфҳои рӯзгор, мебели ошхона, мизу курсӣ, хуллас, даҳҳо намуди маҳсулоти мебелиро мебуранд ва ба ҳам васл намуда, билохира ба шакли маҳсулоти тайёр медароваранд.

Чунин коргоҳҳо дар ҷумҳурии мо хеле зиёданд, аммо дар як гӯшаи дури Ватан, дар деҳаи кӯҳистоние дидани ин хел корхона барои ман фараҳбахш буд. Вуҷудамро ҳисси ифтихор фаро мегирифт, ки ҷавонони имрӯза танбал нестанд, балки ҳушёранд, зираканд ва пайравони босуботи роҳбари давлати худ ҳастанд. Хишти аввали фардои дурахшони худро шуҷоъмандона мегузоранд. Ман натиҷаи саъю талошҳои ҳукумати ҷумҳуриро, ки барои ҷавонон роҳи васеъ кушодаву пайваста онҳоро барои соҳибкорӣ ҳидоят мекунад, дида, рӯҳбаланд мешудам. Воқеан, сарвари давлатамон соҳибкоронро муттакои худ хонда, барояшон шароити зарурииро фароҳам сохтааст. Фардои дурахшони Ватан аз матонат, маърифат, саховат, кордонӣ ва ҷаспу талошҳои шаборӯзии соҳибкорон дар роҳи рушд додани соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва дар зимн бо кори доимӣ таъмин намудани қишри бекори ҷамъият вобаста аст.

Бо назардошти ин тақозои ҳукумату ҷомеаи нав Саидалӣ Тошматов ҳам дар як деҳаи дурдасте бо номи маҳаллаи «Ҳалқобод»-и ноҳияи Олтинсой ба коргоҳи наве асос гузошт, ки ҳоло чандин сол аст босамар кор карда, бо маҳсулоти хушсифати худ вориди хонаҳои мардуми маҳаллӣ мегардад. Ин соҳибкор аз замони мактабхонӣ ба пешаи дуредгарӣ меҳр монда, бо нишондоди падараш Исматуллоҳ Тошматов ва маслиҳату машварати амакаш Рӯзибой Тошматов пайгирона барои омӯхтани ин касб машғул мегардид. Ба шогирдии устоҳои номвари деҳа даромада, дасти худро рост менамуд. Вай соли 2004 ба шаҳри Деҳнав рафтаву ба шогирдии усто Давлати Синавӣ гузашт ва дар коргоҳи ин марди шариф басо заҳмат бурдаву ба дараҷаи як устои пешқадами мебелсоз расид. Баъдан, бо дуои устодаш дар хона ба кори мустақил оғоз карда, аммо аз набудани шароит ба танг омад ва ногузир барои кор ба Русия рафт. Он солҳо аз бонкҳо пул гирифтан машаққат дошт ва соҳибкорон аз набудани сармояи аввал басо ранҷ мебурданд. Ин аст, ки Саидалӣ ҳам барои такмили кори худ маблағи корой наёфт ва ногузир муҳоҷири меҳнатӣ шуд. Соли 2007 ба шаҳри Орехово Зуевои вилояти Владимирски Русия омад ва ҳарчанд корҳои хубе пешниҳод карданд, аммо Саидалӣ маҳз ба коргоҳи мебелсозии ин шаҳр ҷойи кор интихоб намуд. Барои ин ҷавони кӯшо такмили таҷриба зарууртар буд. Вай дар ин ҷо бо намудҳои замонавии сохтани мебел шинос гардид ва миқдоре сармоя ҷамъ овардаву таҷҳизоти содатаре харид намуд. Ин тавр ба зодгоҳ баргашта, нахустин қадамҳои бомуваффақияти худро дар соҳаи сохтани мебелҳо гузошт. Дар ибтидои кор чизҳои содае месохт ва ҳамин чизи содасохти ӯ низ дар деҳа қадр меёфт. Пайваста харидорон пайдо мекард. Аммо ҳанӯз ин усули корҳо соҳибкори ҷавонро қонеъ намекарданд.

– Ман соли 2012 бори дигар ба Русия сафар намудам. Ин дафъа ба шаҳри Маскав расидаву шаш моҳ дар яке аз фабрикаҳои мебелсозии ин ҷо кор кардам. Ҳам таҷриба андӯхтам ва ҳам сармоя ҷамъ овардам, – нақл кард Саидалӣ.

Вай шаш моҳи корро дар Маскав кофӣ донист ва дубора ба ватан омадаву барои такмили коргоҳи худ пардохт ва танҳо соли 2017 муваффақ гардид, ки дар ивази 3300 доллари ИМА аз шаҳри Тошканд дастгоҳи замонавие харад ва дар сехи худ насб намояд.

– Он рӯз хурсандии оилаи моро ҳадду каноре набуд,– мегӯяд Саидалӣ ва маро ба сари он таҷҳизоти барқӣ мебарад, ки аз як мизи мусаттаҳи шаффоф иборат буда, аз миёни ду дарзи суфратахтаи он дандони тез ва ниҳоят маҳини арра намудор мегардид. Саидалӣ ба ваҷд омадаву аз сифати хуби кори ин арраи барқӣ мегуфт ва ман аз дурахши чашмони ӯ дарёфтам, ки азми ин ҷавони соҳибкор дар роҳи расидан ба мақсад хеле қатъӣ аст ва ҷаспу талошҳояш касро рӯҳбаланд месозанд.

Ҳамин хел, соли 2017 барои коргоҳи мебелсозии Саидалӣ соли бобароре гашт ва ӯ тавонист, ки дар муддати кӯтоҳе зуд тараққӣ кунад ва номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшавандааш низ афзоянд. Саидалӣ Тошматов то соли 2022 чун соҳибкори инфиродӣ амал мекард ва сар аз ин сол сехи мебелсозии худро ба коргоҳи оилавии «Файзмебел» мубаддал сохт ва аз рӯйхати ҳукумат гузашта, ҳоло бо аҳли оила корҳоро пеш мебаранд. Даврон Ғаниев ҳам аз устоҳои номии ин коргоҳ ба шумор меравад, ки тибқи нишондоди Саидалӣ ҳар як деталро андоза мегирад ва мустақил буридаву васл месозад.

– Ҳоло аз байни таборон ду нафар шогирд низ гирифтаем, ки мунтазам асрори мебелсозиро меомӯзанд ва дарояндаи наздик ба ҳайси коргари мустақил ба кор хоҳем пазируфт ва маоши бештаре пардохт хоҳем намуд, – гуфт сардори коргоҳи оилавии мебелсозии «Файзмебел» Саидалӣ Тошматов.

Аз суҳбат бо ин ҷавони дидадаро дарёфтам, ки минбаъд вобаста ба талаботи замона ба шумори номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшаванда афзуда хоҳад шуд. Маълум гардид, ки «Файзмебел» айни ҳол зиёда аз 20 номгӯй маҳсулот истеҳсол мекунад ва вориди бозорҳои дохилӣ сохта, даромаде ба даст меорад. Инчунин ният доранд, ки оянда коргоҳро васеъ намуда, теъдоди коргаронро низ зиёд созанд. Усто Саидалӣ гуфт, ки боз чандин таҷҳизоти мебелсозии замонавӣ хариданист, ки ба сифатнокии кор мусоидат хоҳанд кард.

Имрӯз Саидалии соҳибкор рӯзгори худу аҳли оилаашонро назар ба бист соли қабл хеле обод кардааст ва дар маҳаллаи «Ҳалқобод»-и ноҳияи Олтинсой, ки саросар мардуми тоҷиктаборанд ва ҳунармандону соҳибкорони фаровоне дорад, ба обрӯю эътибор сазовор гаштааст.

Умедворем, ки рӯзгору пайкори Саидалӣ Тошматов ба ҷавонони имрӯза намунаи ибрат мегардад ва талошҳои ҳадафмандонааш барои пайравӣ аз гуфтаҳои роҳбари давлат дар роҳи ривоҷи соҳибкорӣ ва ободии диёр аз ҷониби ҳукуматҳои маҳаллӣ қадр меёбад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ДАР АРАФАИ ҶАШНҲОИ СОЛИНАВӢ ЛОИҲАИ НАВ БА КОР ДАРОВАРДА МЕШАВАД

***Лоиҳаи сармоягузории сохтмони неругоҳи барқии офтобии ширкати чиноии «China Gezhouba Group Overseas Investment» дар ноҳияи Қаровулбозори вилояти Бухоро ба қарибӣ оғоз гардид. Дар муддати кӯтоҳ дар марҳилаи аввали маҷмӯи бузург 90 фоизи корҳо анҷом дода шуданд. Дар арафаи таҷлили Соли нав мутахассисон нақша доранд, ки лоиҳаи иқтидораш 200 МВт-ро ба кор андозанд.***

Лоиҳа бо ташаббуси Сарвари давлат амалӣ шуда, дар соҳаи энергетикии кишварамон саҳифаи наврo боз мекунад.

– Мо нақша дорем, ки аз 30 декабри соли 2023 тавлиди неруи барқро оғоз кунем, – мегӯяд менеҷери лоиҳа Ге Чуанбинг. – Пайвастшавӣ бо иқтидори пурра бояд то 30 сентябри соли 2024 анҷом дода шавад. Айни замон корҳо оид ба насби модулҳои фотоэлектрикӣ анҷом ёфта, васлкунии кабелҳо, пайвастшавӣ ва бартарафсозии норасоиҳо идома дорад. Сохтмони конструктивии неругоҳи борбардор ба охир расида, таҷҳизоти барқӣ васл карда мешавад. Ҳамаи маводи зарурӣ аз ҷумла ҷузъҳо, кронштейнҳо, қуттиҳои пайвастшавӣ, кабелҳо мавҷуданд. Барои мо имтиёзҳо ва сабукиҳо дода шудаанд, ки ба суръатбахшии корамон мусоидат мекунанд.

Дар айни ҳол дар маҷмӯъ қариб 150 адад техника кор мекунад. Сохтмони хати ҳавоӣ, ки арзиши умумии он 113 миллиард сӯм мебошад, ба охир расид. Он дар нуқтаи пайвастшавӣ ба «Турон» бо дастгоҳи тақсимоти кушод бо иқтидори 220 кВт пайваст карда шудааст. Хароҷот оид ба пайвастан ба низоми ягонаи энергетикиро ҶС «Шабакаи миллии барқии Ӯзбекистон» ба зиммаи мегирад.

Корхонаи нав, ки дар паҳнои ноҳияи Қаровулбозор ба кор андохта шуд, аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ба беҳдошти минбаъдаи инфрасохтори минтақа, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва некуҳолии аҳолӣ хидмат мекунад.

Дар натиҷаи ба истифода дода шудани неругоҳи барқии офтобӣ соле то 1,3 миллиард киловатт-соат қувваи электр истеҳсол карда мешавад. Ин 30 фоизи талаботи вилоятро мепӯшонад. Ба туфайли самарабахшии баланд таҷҳизот инчунин имкон медиҳад, ки 360 миллион метри мукааб гази табиӣ сарфа карда шавад.

**З. КОМИЛОВ,**
**мухбири ЎзА.**

*Моҳонаи бехатарӣ*

# ҲАМА МАСЪУЛЕМ

Ҳаёти имрӯзаро бе қувваи барқ ва газ тасаввур кардан душвор мебошад. Махсусан фасли зимистон эҳтиёҷ ба онҳо меафзояд. Барои гарм кардани ҷойи зист баъзан аз ускунаҳои барқӣ ва печҳои газ истифода мебаранд.

Аз беэътиборӣ ҳолатҳои сар задани сӯхтор ба амал меоянд. Махсусан, заҳролудшавӣ аз бӯйи газ ва таркиши он мудҳиштар аст. Аз ин рӯ, ходимони назорат ва пешгирии сӯхтор ба маҳаллаҳо рафта, бо аҳолӣ ва дар корхонаҳо бо ходимон оиди талафот, оқибатҳои сӯхтор ва муҳим будани пешгирии он суҳбатҳо мегузаронанд. Ҳангоми пай бурдани бӯйи газ гӯгирдназадан, чароғ нагирондан, дару тирезаҳоро кушода тезтар гази ғуншударо пароканда намуданро маслиҳат медиҳанд. Инчунин истифода набурдан аз асбобҳои гармдиҳии дастисохт ё носозро манъ менамоянд.

Ба таъмини бехатарӣ аз сӯхтор нафақат ходимони вазъиятҳои фавқулода, балки ҳар як шаҳрванд, роҳбарони корхонаву муассисаҳо низ масъул мебошанд.

**Шорустам МАҲМУДОВ,**
**инспектори хурди назорат ва профилактикаи бехатарӣ аз сӯхтори «Маркази маърифат»-и пойтахт.**

# ПЕШРАФТИ КОР БА КАДРҲОИ ХУБ ВОБАСТА АСТ

Дар оинаи ҷаҳоннамо ба як филми кӯтоҳметражӣ чашмам афтид. Ба дорухона як зан барои харидани дору медарояд. Фурӯшанда, ки дар соҳаи дорушиносӣ соҳиби маълумот набуд, рӯйхати доруҳои навиштаро хонда наметавонад ва доруҳои дигарро ба ин зан мефурӯшад. Аз миён якчанд вақт нагузашта ҳамон зан ба дорухона ҳаллосзанон даромада меояд ва аз гиребони фурӯшанда мегирад. Вай мегӯяд, ки фарзанди хурдсолаш баъди истеъмоли доруҳои додаи ӯ дар ҳолати мадҳушӣ ба шифохона афтод. Он доруҳо фақат барои калонсолон муқаррар шудааст, аммо фурӯшанда беэътиноӣ карда, ин доруҳоро ба вай додааст. Ҳарчанд фурӯшанда аз пеши вай узрхоҳӣ намуд, аммо зан бо сари хаму дили пур аз андӯҳ дорухонаро тарк намуд.

Инак, мо ба соҳаи таълим рӯй меорем. Дар як синф 20-25 нафар хонандагон таҳсил мекунанд ва ҳар кадоми онҳо хулқу атвор, донишу маҳорати гуногун доранд. Агар омӯзгор ба монанди фурӯшандаи дорухона бемасъулиятӣ ҳис намояд ва ба хонандагон нодуруст таълиму тарбия диҳад, ҷомеа зарар мебинад. Барои ҳамин ҳар як соҳа бояд бо кадрҳои болаёқат ва аз ӯҳдаи иҷрои кору вазифаи худ мебаромадагӣ таъмин гардад. Дар акси ҳол ҷамъият аз тараққиёт бозмемонад ва пешравӣ дида намешавад.

– Албатта, гӯшт бе устухон намешавад. Дар байни кадрҳои соҳаҳои гуногун кас метавонад бо ашхосе рӯ ба рӯ шавад, ки аз ӯҳдаи одитарин кор баромада наметавонанд. Зимни тайёр кардани кадрҳо барои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ наметавон ба сахлангорӣ роҳ дод. Баъзан шоҳиди он мешавем, ки як идда ҷавонон ба ном ба донишгоҳ ё донишкада мераванд. Вақташон гузарад, кифоя. Чунки оқибат соҳиби диплом хоҳанд шуд. Ин ҳаргиз дуруст нест. Бо диплом ба сари кор омадани чунин ҷавонон ҳамон ҷамоаро ба ақиб мекашад, ба кори дигарон халал мерасонад, ба кайфияти шахсони бомасъулияту пухтакор зарари маънавӣ мерасонад.

Ҳоло дар мактабе, ки ман кор мекунам, кадрҳои болаёқату бомаҳорат ва таҷрибанок хеле зиёданд. Директори мактаб Ҳабибҷон Ҷӯраев ҳаргиз намегузорад, ки ягон омӯзгор «сараму дилам» ба кор ҳозир шавад. Вай ҳамеша аз омӯзгорон тақозо менамояд, ки ба дарсҳо бо тайёрии пухта оянд, зеро ҳақ надоранд, ки дар ҳақи фарзандони мардум хиёнат кунанд. Вай мегӯяд, ки мактаб маскани таълиму тарбия мебошад ва дар ин маскан ба сахлангорону бепарвоён ва бемасъулиятон ҷой нест!

Дарвоқеъ, дар байни маҳсулоте, ки ягон корхона истеҳсол мекунад, метавон якто-дуто маҳсулоти пастсифат ё умуман корношоям пайдо кард. Зеро онро бо маҳсулоти дигар иваз кардан мумкин аст. Аммо «маҳсулот»-и мактаб мисли маҳсулоти корхонаи истеҳсолӣ нест, ки мисли маҳсулоти сифаташ паст бо нархи арзон фурӯхта шавад!

Чунин мешуморам, ки дар ҳамаи соҳаҳо бояд кадрҳои болаёқат машғули кору фаъолият бошанд, зеро аз онҳо ба ҷамъият бештар нафъ мерасад. Сарманшаи ҳамаи пешрафту тараққиёт маҳз ба мактабу омӯзгорони он вобаста аст. Ҳарчанд аксарияти кормандони ин соҳаи басо пуршарафу масъулиятнок дар бобати дуруст таълиму тарбия додани наслҳои наврас ҷаҳду талош ба харҷ медиҳанд, биринҷ бе курмак намешудааст. Ҷавононе, ки мактабро базӯр хатм мекунанд, бояд сари кореро гиранд, ки мувофиқи салоҳияти худ интихоб мекунанд. Аммо дар ин самт наметавон кормандони соҳаи таълиму тарбияро гунаҳкор шумурд. Ҳар як омӯзгор мехоҳад, ки натиҷаи кораш босамар ва шогирдонаш ҳарчи бештар шомили мактабҳои олӣ шаванд.

**Хушбахт БОБЕКОВ,**
**омӯзгори мактаби таҳсилоти умумии рақами 11-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

***Дар шаҳри Бухоро бинои нави мактаб-интернати рақами 24-уми бачагони нобино ва бинишашон паст, ки ҳомии он Вазорати корҳои дохилӣ аст, ба истифода супорида шуд. Ин таълимгоҳ соли 1953 чун мактаб-интернати миёнаи нопурра ташкил ёфта, соли аввал дар он 7 нафар таҳсил гирифта бошад, ҳоло шогирдони он ба 287 нафар расидааст.***

# БИНОИ НАВИ МАКТАБ-ИНТЕРНАТ




Соли ҷорӣ мувофиқи барномаи давлатӣ барои ин муассиса бинои нави дорои 324 ҷой сохта шуда, ошхона барои 150 нафар ва хобгоҳ барои 200 нафар аз таъмири асосӣ баромад. Бо ин мақсад 13 миллиард сӯм маблағ харҷ гардид. Бинои нав дорои як қатор қулайиҳо буда, дар ин ҷо бо ташаббуси садорати корҳои дохилии вилоят барои бачагони нобино майдончаи ҳаракати бехатарии роҳ сознон ёфт. Ба қарибӣ маросими тантанавии 70-солагии ташкилёбӣ ва ба истифода супоридашавии бинои нав ба амал омад. Ба сухан баромадагон имрӯз бо сарварии Президент дар диёрамон дар қатори бачагони солим соҳиби таълиму тарбияи зарурӣ гашта, дар рӯзгор мақоми худро пайдо кардани он наврасоне, ки имкониятшон нисбатан маҳдудтар аст, зоҳир шудани ғамхориҳоро алоҳида таъкид карданд. Сипас, ҷамъомадагон вориди бино гашта, бо имкониятҳои фароҳамовардашуда аз наздик шинос шуданд. Савту сурудҳои ватандӯстонаи шогирдони мактаб иштирокдорони тадбирро рӯҳбаланд намуд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Минбари донишҷӯй*

# МАТЕМАТИК МЕШАВАМ!

Ман фанни математикаро хеле дӯст медорам. Он аз дигар фанҳо фарқ мекунад. Устодонамон ҳамеша мегӯянд, ки ҳар кас ин фанро азхуд кунад, ҷаҳонбиниаш хеле васеъ мегардад. Ман ба ин гуфтаҳои устодамон эътимод ҳосил кардаам, барои ҳамин дар пайи омӯзишу азхудкунии он ҳастам.

Дар фанни математика бозиҳои гуногуни шавқовар мавҷуданд. Мо маҳз дар ҷараёни дарси математика бо бозиҳои шавқовар машғул мешавем. Мутаассифона, баъзе ҳамдарсонам ба ин фан чандон иштиёқ надоранд ва намедонанд, ки донистани ин фан дар ҳаёти муқаррарӣ низ басо лозим мешавад.

«Математика шоҳи фанҳост» мегӯянд. Хонандае, ки бо ҷаҳду талош шоҳи фанҳоро азхуд мекунад, барояш дарҳои зиёд боз мегарданд. Фанни математика аз шумори фанҳои дунявист. Агар инсон фанни математикаро надонад, дар ҷаҳон тараққиёт ба вуҷуд намеояд. Дар олам олимони зиёд маҳз ҳамин фанро хеле хуб азхуд кардаанд ва сазовори ҷоизаҳои гуногуни байналмилалӣ шудаанд.

Математика дар ҷамъият ниҳоят фанни лозим аст. Барои ҳамин дар оянда математик хоҳам шуд.

**Зарнигор СУЛАЙМОНҶОНОВА,**
**хонандаи мактаби таҳсилоти умумии рақами 11-уми ноҳияи Сӯх.**

*Аз эҷоди наврасон*

# ОДОБ ЗИНАТИ ИНСОН АСТ

Ду нафар дӯстони меҳрубон буданд. Онҳо нисбати ҳамдигар ҳамеша ғамхорӣ ва дилсӯзӣ мекарданд. Номи яке Фаррух ва номи дувумӣ Илҳом буд. Онҳо дар мактаб ҳам ба дигарон намунаи ибрат буда, талош менамуданд, ки дар корҳои ҷамъиятӣ низ пешсаф бошанд.

Рӯзе ҳарду ҳамроҳи падару модари худ ба шаҳр рафтанд. Падару модарон онҳоро ба сайри боғи ҳайвонот бурданд. Дар боғи ҳайвонот дар баробари ҳайвонҳои гуногун паррандаҳои хушрӯю зебо низ дар қафасҳо нигоҳ дошта мешуданд. Илҳом ва Фаррух диданд, ки товуси хушхиром садои нофорам доштааст. Аммо ба гӯши ҳарду чаҳ-чаҳи булбул бештар форид.

Фаррух аз падараш пурсид:

– Падарҷон, товус ҳарчанд зебост, вале овози он ба гӯш нофорам аст. Аммо булбул чандон паррандаи зебо набошад ҳам, овози хубу форам дорад.

Падараш гуфт:

– Ана дидӣ, писарам, гап дар зебоии зоҳирӣ набудааст. Туро ҳамеша одобат дар назди дигарон зебо ҷило мебахшад.

**Моҳинур СОБИРОВА,**
**талабаи мактаби рақами 11-уми ноҳияи Сӯх.**

***Чунин ном дорад намоиши асарҳои мусаввир Туркман Эсонов, ки дар осорхонаи Дӯстии халқҳои Самарқанд ташкил ёфт. Рассом соли 1953 дар ноҳияи Нурато чашм ба олами ҳастӣ кушода, хатмкунандаи донишкадаи педагогии ба номи Низомии Тошканд ва мактаби олии санъату меъмории ба номи Репини Ленинград аст.***

# «ТАСВИРҲО ДАР САҲРО»

Т.Эсонов аз соли 1997 аъзои Иттифоқи рассомони Ӯзбекистон буда, соҳиби ордени «Дӯстлик» мебошад.

Намоиши асарҳои ӯ ба муносибати 70-солагии мусаввир ташкил ёфтааст.

– Соҳибҷашн рассоми рангинхаёл ва навовар мебошад, – иброз дошт сардори осорхона Сафура Рӯзимуродова, – ӯ муаллифи композитсияи «Алломаҳои Шарқ» ва «Корвон» буда, асарҳояш дар бисёр осорхонаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Аврупо маҳфузанд.

Т.Эсонов ҳамчун ҳайкалтарош низ корҳои зиёдро анҷом додааст. Чанде пеш ӯ муҷассамаи сардафтари адабиёти тоҷик устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакиро бунёд кард, ки дар кӯчаи ба номи ин шоири маъруф гузошта шуд.

**Баҳодури ЗОҲИР.**
*САМАРҚАНД.*

# ШУКӮҲИ СОЛИ НАВИ ПОЙТАХТ

***Тошканд бо ҷамоли навинаш диққату эътибори сайёҳони хориҷӣ ва меҳмононро ба худ ҷалб мекунад. Аллакай барномаҳои шавқангези Соли нав оғоз гардидаанд, бешубҳа, хотирмон хоҳад гузашт.***

Дар майдони меҳмонхонаи «Hyatt Regency Tashkent», «Tashkent city», «Magic city», «Humo-arena», боғҳои истироҳатии «Фурқат», «Марказӣ», « Ӯзбекистони Нав», «Локомотив», «Анҳор», «Эко Сеул», «Ғафур Ғулом», «Ашқобод» ва ғайра арчаи солинавӣ, барномаҳои мусиқӣ, мусобиқаҳои гуногун ташкил шуда, меҳмононро аз 25 декабр то 10 январ аз соати 11:00 то 23:00 қабул мекунад.

Мо Соли навро бо тайёрии пухта, дар сари дастархони пур аз нозу неъмат истиқбол менамоем. Дар хонадонҳо арчаро оро медиҳем. Соли нави милодӣ яке аз қадимтарин идҳое аст, ки инсоният онро асрҳо инҷониб ҷашн мегирад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Дар шаҳри Қаршӣ яке аз масканҳои дӯстдоштаи бачаҳо – бинои театри замонавии лухтак ба истифода супурда шуд.*

*Дар бинои нави театри лухтак барои кору фаъолияти ҷамоаи театр ва тамошои бароҳати спектаклҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.*

*Бинои мазкур толори ба 204 тамошобин ва кинотеатри ба 60 ҷой пешбинишуда дорад.*

*Ба ҷуз ин, дар ин ҷо студияи сабти садо, хонаи актёрон, ошхона, хонаи хидматрасонии тиббӣ ва чанд офис ба тамошобинон ва ҷамоаи театр хидмат мерасонанд.*

*Дар акс: бинои театри мазкур.*

***Аксбардор: Ҷамшед НОРҚОБИЛОВ. (ӮзА.***

*Варзиш*

# ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ДАР САМАРҚАНД БАРГУЗОР МЕШАВАД

***Бо тавсия ва ҷонибдории ФИДЕ Самарқанд ду маротиба ба чемпионати ҷаҳон мизбонӣ хоҳад кард.***

***Бинобар ҳамин шаҳри бостонӣ ба ин бозии қадим, ақлу хирад ва шавқовару дилнишин ҳаматарафа тайёрӣ мебинад.***

***Бо ҳамин муносибат мо бо ҷонишини раиси федератсияи шоҳмоти Самарқанд, гроссмейстери байналхалқӣ, падари чемпиони олимпиадаи шатранҷ дар Ҳиндустон Ҷаҳонгир Воҳидов Тоҳирҷон ВОҲИДОВ суҳбат оростем.***

– Гарчанде ватани шоҳмот Ҳиндустон аст, вале он дар Осиёи Миёна, хосатан Самарқанду Бухоро ривоҷу равнақ ёфтааст, – гуфт Тоҳирҷон Абдуқаҳҳорович, – далели раднопазир, аз харобаҳои Афросиёб пайдо шудани муҳраҳои шатранҷ мебошад, ки дар осорхонаҳои шаҳри Самарқанд ва Тошканд маҳфузанд. Алломаи Шарқ Абӯрайҳони Берунӣ дар асарҳои нотакрору пурарзиши хеш дар ин бора маълумотҳои раднопазир овардааст.

Ҳоло ҳам анъанаҳои гузаштагон муташаккилона идома дорад. Дар Самарқанд шаш нафар гроссмейстерҳои байналхалқӣ зиндагӣ карда, дар мусобиқаҳои бешумор шарафи Ӯзбекистонро ҳимоят мекунанд.

Боиси ифтихор аст, ки чанде пеш ҳамватани мо Афрӯзабону Ҳамдамова дар байни ҳамсолонаш чемпиони ҷаҳон шуд, ки дар таърихи Ӯзбекистон аввалин бонуе мебошад, ки ба чунин унвон соҳиб гардидааст.

**– Тоҳирҷон Абдуқаҳҳорович, расонаҳои ахбор иттилоъ доданд, ки аз 26 то 30-юми декабри соли равон дар Самарқанд чемпионати ҷаҳон оид ба шоҳмот дар намуди рапид ва блитс, яъне барқосо баргузор мешавад. Чемпионати панҷрӯза дар куҷо баргузор мешавад ва киҳо иштирок мекунанд?**

– Дар «Шаҳри абадӣ»-и Самарқанд, дар қасри конгресс-холл.

Аз 48 кишвари ҷаҳон 199 нафар гроссмейстерҳои машҳур хоҳанд омад, ки дар он қувваозмоиҳо чемпиони ҷаҳон Магнус Карлсен (Норвегия), Гугеш Доммарадҷу (Ҳиндустон), Шаҳриёр Мамадиёров (Озарбойҷон), Ян Кшиштоф Дуда (Полша), Левон Араниян (ИМА), Даниэл Дубов (Русия), Алиризо Фируҷа (Фаронса) ва қаҳрамонон дар байни бонувон Тан Чжунӣ (Хитой), Бибисоро Асаубаева ва дигарон ширкат хоҳанд варзид.

**– Аз ҷумҳурии мо киҳо ҳастанд?**

– Собиқ қаҳрамони ҷаҳон оид ба блитс Нодирбек Абдусатторов, Ҷаҳонгир Воҳидов, Шамсиддин Воҳидов, Афрӯзабону Ҳамдамова, Марҷона Маликова, Гулӣ Каримова, Шаҳноза Ҳамроқулова ва дигарон рӯйи тахта дона меронанд.

**– Мукофотҳои пулӣ чӣ қадар бошад?**

– Як миллион доллар, ки байни қаҳрамонони чемпионат тақсим карда мешавад.

**– Тоҳирҷон Абдуқаҳҳорович, шумо низ гроссмейстери байналхалқӣ ҳастед. Оё «бахти худро намесанҷед»?**

– Ду нафар фарзандонам мебозанд, ки кифоя аст. Акнун навбат ба ҷавонон. Воқеан, камина ҳамчун ҳакам иштирок мекунам.

**– Мо аз номи мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» ба вакилони Ӯзбекистон комёбиҳо таманно дорем.**

– Ташаккур!

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# «ГАР ЗИНДАГИСТ, ДИДА БА ДИДОР МЕРАСАД...»

Саҳми Самарқанди бостонӣ – яке аз марказҳои илму адаб ва фарҳанги Осиёи Марказӣ дар парвариши намояндагони илму адаб ва мутахассисони соҳаҳои гуногун назаррас буду ҳаст. Ин вазифаро муассисаҳои таълими олии аҳди шӯравӣ низ бар дӯш доштанд.

Дар он аҳд Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнии Самарқанд яке аз боргоҳҳои бонуфузи илму маърифат ба шумор мерафт, ки дар омода кардани кадрҳои соҳибихтисос саҳме назаррас дошт.

Дар ин маскани маърифат факултаи филологияи тоҷик, аз он ки домани довталабонаш фарохтар буду дар он ҷавонписарону гулдухтарони ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон низ таҳсил мекарданд, пурфайз ва пуршукӯҳтар ба назар мерасид.

– Гурӯҳҳои тоҷикӣ дар факултаи математика ва физика низ фаъолият доранд. Бино бар ин, масъулияти шумоён ҳамчун ворисони адиби бузург, ки донишкада ба номи ӯст, бояд дар ҳама ҷабҳа бештар бошад, – бо фахр таъкид мекард ҷонишини декани факултаи забон ва адабиёти тоҷик Восеъ Қосимов.

Мегӯянд, ки чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд. Подоши заҳматҳои сангини устодони донишманд буд, ки дастпарварони факултаи забон ва адабиёти тоҷик, адибони шинохта Нодир Нодирӣ, Бахтиёри Ҷумъа, узви иттифоқҳои нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Абдулло Субҳон, Паймон (Тӯхтамиш Тӯхтаев), Марямбонуи Фарғонӣ, рӯзноманигорон Амрулло Авезов, Саодат Бекназарова, номзади илмҳои филологӣ Ҳамроқул Бердиқулов ва дигарон дар байни мардум маҳбубият пайдо карданд.

Хатмкардагони бахши филологияи тоҷик доктори илмҳои филологӣ, профессор Холиқ Мирзозода, номзадҳои улуми филологӣ Самариддин Аслиддинов, Луъбат Назарова, Султон Иброҳимзода, Абдулаҳад Мирсафоев, Малик Адашев, Салим Кенҷа ва Хуршед Қамарро то ҳол ба некӣ ёд мекунанд. Соҳибдиле дар ҳаққи устод фармудааст:

*Устод гар набудӣ, илму*
*ҳунар набудӣ,*
*Устод гар набудӣ, ин зебу*
*фар набудӣ.*
*Устод гар набудӣ, беҳтар зи*
*шаҳду шаккар,*
*Дар боғи илму дониш моро*
*самар набудӣ.*

Дар урфият мегӯянд: «Соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост». Дар рӯзҳои нахустини таҳсил 26 нафаре, ки ба факултаи филологияи тоҷик дохил шуда, сазовори номи донишҷӯ гардида буданд, зуд ба ҳам унс гирифтанд. Хушодобӣ ва таҳаммулпазирӣ василае гардида буд баҳри якдигарфаҳмӣ ва дӯстиву рафоқати онон. То дурри мақсуд ба даст ояд, шефтагони забони ноби модарӣ ва адабиёти форс-тоҷик дар баҳри илм ва каломи сеҳрангез шабеҳи ғаввосон ҳарисона шино мекарданд. Ширкати фаъолонаи онҳо дар конфронсҳои илмӣ ва маҳфилҳои адабӣ дарёи пурталотумеро пеши назар меовард, ки маҷрои худро ҷустуҷӯ дорад...

Дар шафати масҷиди Бибихонум – назди бозори Сиёб дуконе вуҷуд дошт бо номи «Тоҷиккитоб». Ошиқони асарҳои тозанашр остонаи онро, ба қавле, охурча карда буданд. Самараи ҷидду ҷаҳд ва бедорхобиҳо буд, ки шаш нафар толибилмони ин гурӯҳ мактаби олиро бо дипломи имтиёзнок хатм намуданд.

Мавриди ёдоварист, ки дар он аҳд донишҷӯёнро ба пахтачинӣ сафарбар мекарданд. Дар ин мавсим дар бошишгоҳи донишҷӯён шабҳои адабӣ ва байтбарак баргузор мешуд. Боре донишҷӯёни бахши чорум хостанд, ки баъди хӯроки шом бо «меҳмонони нав» байтбаракбозӣ кунанд. Гумон доштанд, ки онҳоро ба осонӣ мағлуб хоҳанд кард. Ҳайҳот, тири хатмкунандагон ба хок хӯрда, худ мағлуб шуданд...

Аъзои гурӯҳ бо вуҷуди он ки муштаракоти зиёд доштанд, ҳар яке як олам буданд. Чунончӣ, шодравон Исо Раҷабови бухороӣ, ки пас аз адои хидмати ҳарбӣ ба гурӯҳ пайваста буд, истеъдоди наттоқӣ дошт. Ҳамин тавону салиқа ӯро дертар ба даргоҳи радио ва матбуот бурд. Оиша Аҳмадоваи қирғизистонӣ, ки аз дигарон се-чор пероҳан зиёдтар дарронда буд, ҷаҳонбинии васеъ дошт. Ҳамеша омода буд, ки ба додару хоҳархондҳояш кумак кунад. Абдулло Субҳон аксар вақт дар банди зулфи хаёл мегашт. Хаёли рангинаш дар чаманистони ҳамешасабзи Ҳофизу Хайём, Соибу Иқболи Лоҳурӣ, Лоиқу Бозор Собир ва дигар нобиғаҳои назми оламгир сайр мекард. Марҳабо Муқимова (шефтаи шеърҳои дилнишин) буд, Мартаба Саломова, Замира Истамова ва Хадича Бақоева (равонаш шод бод) дар маҳфилоройӣ, ба қавле, устухон надоштанд. Маҳз бо саъю ҳаракати Замира ва чанд нафар аъзои гурӯҳ, баъди қариб ним аср, аъзои гурӯҳ ба дидори ҳам расиданд. Муъминҷон Йӯлдошев ҷавони батамкин буд, Олимҷон Бобоеви косонсоӣ сурудҳои ҳиндиро ба маҳорати том иҷро мекард, Одил Валиеви чустӣ дар баробари адабиёт, ба варзиш низ иштиёқи баланд дошт, дар мусобиқаҳо шарафи гурӯҳро ҳимоя мекард. Гулсара Халилова, Масъуда Амонуллоева, Ҳалима Бобокалонова, Ҳабиба Файзуллоева ва Назира Восеева аз гулдухтарони сермутолиаи гурӯҳ буданд. Мухтор Расулови сӯхӣ ба сангбардорӣ ҳусну таваҷҷуҳ дошт, Мақсад Маъдиев дилбохтаи манзараҳои зебои табиат буд. Маҷнуни гурӯҳ дертар Лайлии худро дар зодгоҳаш – Порашт пайдо кард. Ҳазлу мутоибаҳои шодравон Ҳасан Назаров ҳамеша табъи аҳли нишастро болида месохт, Маҳбуба Рашидова яке аз аълохонҳои гурӯҳро аксар вақт аз китобхонаи донишкада меёфтед. Тӯли чор соли таҳсил аъзои гурӯҳ медонистанд, ки Абдураҳмон Ҷумъаеви оҳаликӣ ва Насибаи Риштонӣ ба якдигар дил баста буданд, вале касе огоҳ набуд, ки Сафо Насимову Мартаба Саломова чунин ҳиссиётро дар дил мепарвариданд. Муҳаббати поку беолоиш дертар онҳоро ба висоли якдигар расонд...

Дар нишасти хайрбодӣ шодравон Сафаралӣ Кенҷаев ба тариқи зайл сухан ронда буд:

– Якум, хушҳолем, ки аз манзараҳои нотакрори деҳаи кӯҳии Оҳалик – зодгоҳи бародарамон Абдураҳим дидан кардем. Дуюм, ин рӯзи фархунда барои мову шумо муборак бошад. Фардо бо амри тақдир ҳама мисли паррандаҳои мавсимӣ ба манзилҳои зисти хеш парвоз хоҳем кард, Шоире фармудааст:

*Боз омадан зи рафтани*
*хуршед дур нест,*
*Гар зиндагист, дида ба дидор*
*мерасад.*

Агар Худо насиб гардонад, мо боз ба дидори якдигар мерасем.

Вале ба шаш нафари гурӯҳ дидор насиб накард. Ба қавли шоире:

*Ҳар чи дилам хост,*
*на он мешавад,*
*Он чи Худо хост,*
*ҳамон мешавад.*

Маъвои охираташон обод
бод!

Дар рӯзҳои пурҳаяҷони дидорбинӣ шоҳиди он гардидем, ки дар тӯли солҳои истиқлол биноҳои замонавӣ – манзили зист, муассисаҳои таълимӣ, кӯдакистону боғҳои истироҳатӣ, хиёбонҳои васеъ ба ҳусни Самарқанди бостонӣ афзудаанд. Давлат ба таъмири осорхонаи поягузори адабиёти навини тоҷик ва яке аз поягузорони адабиёти навини ӯзбек – устод Садриддин Айнӣ маблағ ҷудо кардааст. Зиёрати осорхона зиндагиномаи устодро бори дигар пеши назар овард.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Ба ҷойи табрик*

# МАРДИ РОСТИН



Бо ин ҳама хӯю хислати ростин журналисте кам аст. Ҳар чӣ менависад, ҳар чӣ мегӯяд, ҳар чиро ба акс мегирад, фақат ва фақат воқеият асту ростина. Эшонро ба суҳбат мекашем:

– Устод Тоҷибой, аз таҷрибаи хеш медонем, ки журналистон ба дурӯғ моиланд...

Ӯ норoҳат мешавад, пешонӣ чин мекунад:

– Ҳарфи беҳуда! – садояш баланд мешавад. – Агар журналист дурӯғ гӯяд, ҷомеа ба каҷӣ меравад!

– Ин ҳарфи мо нест, Марк Твен гуфтааст...

– Ҳмм.., – забон мехояд ҳамсуҳбатамон ва ба таъйиди сухани нависандаи маъруф меафзояд: – Дар ҳикоёти Шайх Саъдӣ низ омада: «Дурӯғи маслиҳатомез беҳ зи рости фитнаангез».

Дигар фурсати сухан гуфтан намедиҳад, ба худ симои ҷиддӣ гирифта меафзояд:

– Зиндагии инсон печида аст, гоҳе чунон ба ҳолати танг меафтӣ, ки то дурӯғи ростомез нагӯйӣ аз дасти арбадаву хушунат раҳоӣ намеёбӣ. Ба ростӣ, агар бо ин «дурӯғат» дили касеро шод ва дасти зулмро бишканӣ, ту рост гуфтаӣ! Вале фаромӯш накунед, шиор бояд доиман рост дидану рост гуфтану рост рафтан бошад!..

Бале, бо устоди ростин Тоҷибой қариб ҳар рӯз рӯ ба рӯ мегардем. Ҳар бори бо ӯ будан ожангҳои пешонӣ, чурукиҳои андаки чеҳрааш, мӯҳои тунукшудаи мошу биринҷиашро беохир аз нӯфи нигоҳ мегузаронем. Ба ӯ чашм дӯхта аз дил қоил мешавем: дӯсту бародари мо дар кӯраҳои доғи рӯзгор пухтаву бо теғаҳои яхбастаи дунё панҷа нарм кардааст, ҷонашро аз дӯли сангшиканҳои зиндагӣ раҳо кардаву чоҳҳои бетаҳу торики ҳаётро паси сар гузоштааст – ӯ мушкилотро нодида мегирад. Дармеёбем, ки ин рағму суботу иродаи маҳкамаш пайваста ба хотири расидан ба орзуҳои неку бузург аст: дастёбӣ ба пойдории забони модарӣ, посдории ватан, баровarda кардани армонҳои инсонӣ.

Дар тӯли беш аз сеяк асри рӯзноманигорӣ Тоҷибой ба кору марому орзуҳои бузургаш содиқ аст, дар ҳар гуна шароит овози тоҷик, садою шаҳомати тоҷикро ба атрофиён мерасонад, килки пурбори ӯ навиштаҳои фаровон дорад аз ранҷҳои мардуми заҳматкаш, аз ҷонфидоиҳои омӯзгорону шифокорон, аз санъати матонату иродати низомиёну ҳунармандон, аз сиёсати пурбору кишварсози раҳбарони давлат, аз порсоӣ ва зебоиҳои миллату меҳан. Оре, ӯ содиқ аст ба он чӣ аз бузургони пешин ба мерос монда, билхосса, ба фармудаю роҳнамоиҳои нахустин таъсисгарони «Овози тоҷик». Аз ҷумла, ӯ худро мадюни устоди илму пешаи рӯзноманигорӣ аллома Садриддин Айнӣ меҳисобад ва дар ёд дорад, ки эшон ҳанӯз дар шумораи дувуми рӯзномаи «Овози тоҷики камбағал» 4-уми сентябри соли 1924 аз ҳунару истеъдоди фитрии мардуми тоҷик, забони гуҳарбор ва оянdai дурахшони он садои ифтихор баланд карда буд:

*Ба парда то ба чандин рози тоҷик?*
*Биё, биншин, шунав овози тоҷик!*
*Ба зеҳни софу истеъдоди фитрӣ,*
*Набошад дар ҷаҳон анбози тоҷик.*
*Суханро чун арӯсон зеб дода,*
*Забони маърифатпардози тоҷик...*

Кор дар рӯзнома, зина ба зина расидан аз мусаҳҳеҳӣ то ба маснади муовинати рӯзнома ва пайваста талош кардан барои зинда мондану хонданибоб шудани он танҳо як тарафи давутозҳои Тоҷибой аст. Ӯ бар замми ин нақши боризу муассир дар рушди садову симои тоҷики кишвар дорад. Ҳанӯз аз ёдҳо нарафтааст, то якуним даҳсола пеш шуъбаи тоҷикии радиои Ӯзбекистон ҳар рӯз ҳадди ақал ним соат ё чил дақиқа барнома дошт – барномаҳои ахбор, адабию фарҳангӣ, ҳунарӣ, шарҳ... Тоҷибой Икром он замон гӯянда буд. Борҳо шудааст, ки ҳангоми дохил шудан ба студия, ки пахши барномаҳо ба таври зинда мерафт, ӯ бе ҳеҷ гуна коғаз ва бидуни омодагӣ ахбори нав ва шарҳи рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро бадоҳатан ба самъи шунавандагон расонад.

«Рангинкамон»-и телевизионии Шарофатбону бо ҳузури ӯ бештар рангин буду алҳол низ рангинтар аст. Чанд филму китобро ба тоҷикӣ тарҷума ҳам кардааст.

Боре оҳангсози маъруф Мустафо Бафоев гуфта буд: «Ҳар ҷое, ки тоҷик аст, он ҷо Тоҷибой ҳаст. Ин бачаи лоғари назарногир корҳои бузург мекунад, корҳоеро, ки даҳҳо, садҳо нафар аз уҳдааш намебароянд». Дар воқеъ, ҳар гуна ҷамъомади тоҷикон, ба вижа, ҳар як барномаю иқдоми Маркази фарҳангию миллии тоҷикон бо ҳузури ӯ дилписанду гуворо мегузарад. Вай аз дарсҳои бузургони равшанфикру кордон – Муҳсин Умарзода, Собитхон Қурбонов, Сотимхони Мунавварзод, Тӯхтамурод Набиев, Холназар Ӯролзода, Давлатбек Саъдуллоев, Ҳасан Қудратуллоев дарсҳои фаровон гирифтааст ва имрӯз худ устоди сухан, роҳнамои худшиносӣ, мубаллиғи дӯстиву инсонгароӣ аст.

– Устод, доир ба хислатҳои беҳтарини Тоҷибой, ки синни муборaки шастро пур кардааст, гуфтаниҳое доред? – пурсидем аз нависанда, собиқ ходими «Овози тоҷик» Бекназар Тӯйназар.

– Ҳамин Тоҷибойи худамон? Умри инсонро бинед-а, чун оби равон зуд мегузарад. Гӯё дирӯзакак буд, корро дар рӯзнома оғоз намуд. Ҷавони серғайрат, кунҷкоб буд, дониши пухта дошт. Миёни ҷамоа зуд намоён гашт. Тайи чанд вақт вазифаи муҳаррири шуъбаи мактабу маорифро ба ӯҳда дошт. Дониши хуб, ки дошт, аз тарҷумонӣ то ба вазифаи ҷонишини сармуҳаррир расид. Беш аз сӣ сол аст, ки раиси иттифоқи касабаи рӯзнома мебошад. Ба корҳояш муваффақият...

Тоҷибой Икромов зодаю дастпарвари деҳаи хушбоду ҳавои Боғистони Бӯстонлиқ аст. Боғистоне, ки дар доманаҳои кӯҳӣ ҷой хуш карда, бо боғҳои дилрабо, дарахтзору буттазори пурнакҳат, гулзору чаманзори беинтиҳояш муаттару зебост. Дар ин гӯшаи, ба таъбири сафири муҳтарами Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода, биҳиштӣ, меваҳои гуногун самар медиҳанд – себ, анор, анҷир, шафтолу, чормағз, нок, олу, зардолу...

Бале, боре ҳамроҳи сафири арҷманд меҳмони устод Тоҷибой будем. Ӯ дар боғи дӯсти худ аз зери дарахтон оҳиста қадамзанон нафаси амиқ мекашид ва аз бӯю раёҳини ҷонбахши боғ роҳат мебурд, ки себеро аз дарахт канда, бо ҳаяҷон изҳор медошт: «Ман акнун донистам, ки чаро Тоҷибой ин қадар ҷавон менамояд! Акнун фаҳмидам, ки чаро ин бародари мо соатҳо ҳарф мезанаду ба дигарон навбат намедиҳад, барои чӣ ин марди заҳматӣ ба ҳар ҷое, ки лозим аст, давутоз мекунаду хастагиро намедонад. Боракаллоҳ, ба офарандагони ин боғу ин манзил!»

Боғистон, дар ҳақиқат, табиати нозанин дорад, дар болообаш дарахҳои тӯлонӣ бо чашмаю рӯдҳои сероб ва бештар аз ҳама, бо обшорҳои беғубору «ҳазоргесу» ба дида нуру сафо илқо мекунад. Манзараҳои нотакрори кӯҳистонӣ дар поён ба шохобҳои Чотқол, Угом, Кӯксу ва сипас ба рӯди маъруфи Чирчиқ даст медиҳанд...

Тоҷибой Икромов, ки дуои устодонашро гирифтааст, имрӯз худ устоди сахтгир аст. Ходимони наву ҷавонро бо рафтору гуфтор, ҳозирҷавобӣ ва ҳақиқатнигорӣ намуна мебошад. Ҳар рӯз пеш аз оғози кор ба ҳар як ходими идора мувофиқи вазифаи худ супоришҳо медиҳад ва иҷрои супоришҳояшро таъҷилан талаб мекунад.

– Рӯзноманигор бояд эҷодкори тезкор бошад, мактаби мусаҳҳеҳӣ, таҳрир, тарҷумонӣ ва технологияи замонавиро пухта азхуд кунад, – мегӯяд ӯ.

Икромов бо ходимони рӯзнома сафарҳои эҷодӣ ба ноҳияву вилоятҳои ҷумҳурӣ ва берун аз онро борҳо ташкил намудааст. Сафар, таассурот ва оламу одам дидан ба эҷодкор пару боли илҳом мебахшад, хомаашро бурро мегардонад.

Бо ин ҳама, Тоҷибой мӯйи сари худро бо пешаи рӯзноманигорӣ сафед кардааст. Нонаш аз ин пеша аст, ҳалол, комил, беминнат. Ӯ бо камоли мамнуният мегӯяд: «Шуғле, ки мардум дар он акси худ, шинухезу одобу бархӯрду ақоиди худро мебинанд, рӯзноманигорӣ аст. Чӣ хел ба ин касби муқаддас содиқ набудан мумкин?»

Усули кори Тоҷибой ба ин шакл аст, ки ҳар ҷо равад, бо ҳар касе домани суҳбат густарад, ҳатман аз тариқе ба дили ӯ роҳ меёбад. Ин на танҳо ба хотири ҳунари дилёбии ӯ, ҳамчунин аз маҳорати забондонии ӯст. Устоди мо ба роиҷтарин забонҳои кишварамон – ӯзбекию русӣ ворид аст. Ба туфайли ин маҳорат ӯ дар ҳеҷ ҷо ба мушкилӣ ва бумбаст дучор намеояд. Ӯ шиоре барои худ дорад, ки гирифта аз зарбулмасалҳои африқоист: «Агар мехоҳӣ одамон сухани туро бифаҳманд, ба забони худашон суҳбат кун!»

Соли 1995 ӯ чун «Беҳтарин журналисти сол» дар Ӯзбекистон шинохта шудааст. Хидматҳои дар журнализми мактабу маориф анҷомдодаашро ба эътибор гирифта, соли 2001 ӯро бо унвони «Аълочии таълими халқ» сарфароз гардонданд. Соли 2021 бино ба фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бахшида ба Рӯзи дӯстии халқҳо барои саҳми арзандааш дар таҳкими дӯстӣ ва ризоияти байни миллатҳо, хидматҳои бузургаш дар ҳифз ва рушди фарҳангҳои ба худ хоси миллӣ бо мукофоти давлатӣ – ордени «Дӯстлик» сарфароз гардонда шуд.

Солҳо гузаштаву ин марди ростин дар ҷабин чинҳоро мебинад, бехабар аз он, ки ҳар тори чин гувоҳӣ аз солорӣ, аз рӯзгори босаодат аст. Бо эҳтиром ба солу ба фитрати ростинаш сухани Мавлоно ба ёд меояд:

*Гуфт, ғайри ростӣ нарҳонадат,*
*Дод сӯйи ростӣ меҳонадат!*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**«Овози тоҷик»,**
**Юнуси ИМОМНАЗАР,**
**нависанда.**

**Ба муносибати 75-умин солгарди Шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсор Сафиева**

# «МАН ОМАДАМ, КИ ҶИЛВАИ НОЗИ ҲУНАР КУНАМ...»

Дар таъриху адабиёту андешаи муосири мо бону Гулрухсор танҳо як зан ё шоир нест. Балки Гулрухсор як шоҳкор, як асари нодир, як нигораи арзишманд ва як сатҳест, ки зани тоҷик дар камолу ҷамол, дар маърифату огоҳӣ, дар ҳувияту ватандорӣ ва дар озодагию растагорӣ онро метавонад меъёр бигирад. Худро ба он сатҳ бикашад, ба он тарҳ бирезад, ба он рӯҳия бисозад.

Агар бихоҳем, ки як бонуи ворастаи ашрофию элитарии тоҷикро бо ҳама маънову сифоташ тасаввур кунем, ки дар ҷавҳару вуҷуду симои ӯ ҳам зан бошаду ҳам отифа бошаду ҳам шахсият бошаду ҳам маърифат бошаду ҳам ҷамъият бошаду ҳам миллат, пеш аз ҳама симои Гулрухсор пеши назар меояд.

Ӯ дили як миллат, набзи як эҳё, гули як фарҳанг ва меваи як тамаддун аст. Ӯ оташи як ҷасорат ва забони як рисолат аст.

Зуҳури ӯ як кушоиш, дурахши ӯ як баҳор ва омадани ӯ як эъломия буд:

*Ман омадам, ки ҷилваи нози ҳунар кунам,*
*Бо килки шуъла қиссаи шаб мухтасар кунам!*

Дар заминаи истеъдоди зотӣ, тарбияти миллӣ ва пойдевори арзишию тамаддунии шахс, чунин чеҳраҳои хоссаи миллию ҷамъиятию фарошахсиятиро маҳз як шароити хоссаи таърихию фарҳангию сиёсию иҷтимоиву иқтисодӣ ташаккул медиҳад ва фақат дар он сатҳ ин сатҳ ҳосил мешавад.

Ба ин маъно, Гулрухсор рӯҳи як марҳилаи томи набарди фарҳангию таърихии миллат, маҳсули як асри вусъату миқёсҳои бузург ва сатҳи биниши як абарқудрат аст. Ва чунон вусъате бояд, то чунин миқёсе ба даст ояд.

Бо зуҳури худ, бо парвозу сарнавишти худ, бо барқу шӯру вулқони худ, бо саҳнаву андешаву будани худ Гулрухсор як намуна сохт, як фарҳанг офарид, як меъёр шуд, як инқилоб кард.

Дар ин достон ҳамагон диданд, ки чӣ гуна метавон аз барқи кӯҳистон хуршеди тобон сиришт, аз оташаки лола машъали миллӣ афрӯхт.

Ӯ на танҳо номи Гулрухсорро миллӣ кард, балки сабки Гулрухсорро ҳамагонӣ намуд, дарди Гулрухсорро умумимиллӣ сохт. Бо таъсири ӯ дар муҳити занони тоҷик насле шакл гирифт, ки забонаш, шеърaш, андешааш, арзишҳояш, ҳатто овозу қироату либосаш гулрухсорӣ буд ва ҳаст...

Аммо муҳимтар аз ин, гарчӣ ӯ ба сатҳи фаромиллӣ, ба сатҳи империя, ба сатҳи байналмилалӣ баромад, аммо дар ҳамаи ҳолатҳо, дар ҳамаи мансабҳо, дар ҳамаи саҳнаву сиёсатҳо миллӣ монд, тоҷикӣ монд, миллат гуфт, тоҷик гуфт, ҷавҳар гуфт, асолат гуфт, забон гуфт, фарҳанг гуфт, эҳё гуфт. Нишон дод, ки чӣ гуна метавон баланд буду миллӣ буд, модерн буду миллӣ буд, муосир буду тоҷикӣ буд, ҷаҳонӣ буду миллӣ буд, вазиру вакил буду миллӣ буд, рӯшан буду миллӣ буд.

*Дур рафтам, то туро наздик бинам,*
*Аз ту рафтам, то даме бо ту нишинам,*
*Тоҷикистон!*

Ин аст, ки ӯ садои миллат, парчами бедории миллӣ, машъалаи рӯҳи миллӣ шуд. Яқинан, мо дар таърихи навини фарҳанги худ бонуи дигаре бо ин дурахшу ин рӯшаниву ин корнома ёд надорем.

Ин аст, ки падида ё феномени Гулрухсор чун падидаи милливу муосир дар шеър, дар забон, дар ишқ, дар рафтор фарогир шуд, бозтавлид шуд. Аммо афсус, ки бозтавлиди умумимиллии фикрӣ ва иҷтимоии ин сатҳ ва ин падида муяссар нагашт. Бо шикасти як раванди миллию таърихӣ дар панҷаҳои оҳанини ҷанг арзишҳои элитарӣ ба ҳошия рафт, сатҳи умумии фарҳангӣ сукут кард.

Ва ӯ ин дардро низ суруд:

*Охирин ҷанге, ки тоҷик метавонад кард андар ҳифзи худ,*
*Ҷанг бо фарҳанги бефарҳанг хоҳад буд!*

Аммо як воқеият ин аст, ки чун дар солҳои наврасию ҷавонии мо, дар марҳилаи ташаккули завқу бинишу фаҳмиши мо тандису улгуи зани озодаву огоҳу соҳибминбару соҳибмаърифату ватандору миллатдори тоҷик Гулрухсор буд, зеҳни насли мо, нигоҳи насли мо ба ҳамин сатҳ одат гирифтааст.

Аз ин рӯ, зеҳни насли мо то имрӯз ба чизе камтар аз Гулрухсор қаноат намекунад, чизе камтар аз Гулрухсорро эътироф намекунад. Балки дар пазируфтани сатҳе поинтар аз ӯ мушкил дорад. Балки дар ин самт чизе поинтар аз ӯро бар он таҳмил кардан мушкил аст...

Ин ҳақиқатро шояд бисёре аз ҳамнаслони мо эҳсос намоянд.

Ва ниҳоят, ҳам боиси ифтихор ва ҳам ҷойи таҳсину ҳайрат аст, ки ин шаҳбонуи фарҳангу адабиёти миллат то ҳануз он ҷойгоҳро нигоҳ дошт ва аз он сатҳ поин наомад ва меъёрро нашикаст.



**Абдуллоҳи РАҲНАМО.**

*ГУЛРУХСОР*

## *ВАҚТЕ КИ БАЗМОРО БУДАМ...*

*Вақте ки ман зебо будам,*
*дунёи ман зебо набуд,*
*Дар дафтари сабзи ғазал пайғоми*
*Мавлоно набуд.*
*Дар хандаҳои гулдара,*
*дар нағмаҳои бефара,*
*Нури булӯри шаршара дурри*
*шарарафзо набуд.*
*Моҳи асал буд бе асал,*
*девони руъё бе масал,*
*Дар ҷилваи тасвирҳо дирӯзро фардо*
*набуд.*
*Вақте ки ман фар доштам,*
*аз меҳр афсар доштам,*
*Дар пойи дил сар доштам,*
*чашми фалак бино набуд.*
*Вақте ки базморо будам,*
*дар хандаам ғам мегирист,*
*Байни замину осмон монанди*
*ман танҳо набуд.*
*Вақте ки ман даф мезадам,*
*каф мезадам, таф мезадам,*
*Дар хонақоҳи ошиқон шӯри малак*
*барпо набуд.*
*Вақте ки ман шайдо будам,*
*дар зарраҳо пайдо будам,*
*Шайдои ман пайдо набуд,*
*пайдои ман шайдо набуд.*
*Вақте ки байни ишқу ман хуршед будӣ*
*чархзан,*
*Дар маҳшари рақси самоъ Шамсулҳақу*
*Мавло набуд.*

## *КОМЁБИИ ҲАМРОГУЛ*

***Ба қарибӣ дар шаҳри Боку мусобиқаи байналхалқии гимнастикаи бадеӣ ба амал омад.***

Дар он варзишгарони тоифаҳои синну солашон гуногун ҳам дар тартиби инфиродӣ, ҳам дар таркиби гурӯҳӣ маҳорати худро намоиш доданд.

Хонандаи синфи 2-юми мактаби миёнаи рақами 33-юми шаҳри Бухоро Ҳамрогул Салимова дар ин мусобиқа байни ҳамсолон варзишгари беҳтарин гардид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# АЗ КУРУД ТО АҚСОИ ҶАҲОН

***Ёд дорам, ягон чоряк аср қабл аз ин устод Ҷӯрабек Муродов вақтҳои ба Тошканд омадан аз шиносу дӯстон хоҳиш мекарданд, ки портретҳои мақомхонони барҷастаро барои пайдо кардан кумак расонанд, зеро мақсад доранд, ки дар Хуҷанд бахшида ба шашмақом ва шашмақомхонон осорхонае ташкил намоянд. Аз байн солҳои дароз гузашт ва хабар надоштем, ки тақдири он музей чӣ шуд.***



Аммо чанд сол қабл аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои гуногун хабарҳое пахш шуданд, ки ҳамчунин музей дар маркази вилояти Суғд таъсис гаштааст. Қасди дидани онро, ки доштам, зимни сафари ин вилоят ба он сар задам.

Музей, ки дар маркази шаҳр, онсутар аз театри номдори Камоли Хуҷандӣ, дар кӯчаи Фирдавсӣ ҷойгир гардидааст, пайдо карданаш ҳам осон гардид. Дар бинои «Маркази мусиқӣ» як қисмаш ба ихтиёри музей дода шудааст, ки дар даромадгоҳаш лавҳаи «Муассисаи давлатии «Осорхонаи Ҷӯрабек Муродов» насб карда шудааст.

Дар ин имрати дуошёна – дар ошёнаи аввал мудирияту маъмурият ва дар ошёнаи дуюм худи осорхона ҷойгир шудааст. Ба назар чунин мерасад, ки гӯё ин толорҳо ҳамаи он ашёву аснод ва дастгоҳҳои мусиқӣ ва аксҳоро дар худ ғунҷонда наметавонад ва аз ин боис хеле зич ва ба ҳам наздик гузошта шудаанд.

Аз нигоҳи аввал дарк мегардад, ки сайри ҳунар ва парвози ҳофизи номдор дар ақсои ҷаҳон аз деҳаи хурди худ – Куруди Фалғар дар водии Зарафшони Тоҷикистон то қитъаҳои дуродур доман густурдааст. Аз нишонаҳои намоиши ҳунари тоҷик дар Шарқи Дур – Ҷопони офтоббаро то кишварҳои ғарбии Канадаву Амрико маълум мегардад, ки овозаву шӯҳрати Ҳофизи халқии Иттиҳоди Шӯравӣ ошнои қалбҳои ҳаводорони ҳунари асил будааст. Асноду ашёҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки устоди ҳунар ба ҳар гуна кишвару қитъа чун қосиди санъат ва сулҳ рафта, аз он ҷойҳо низ бо дасти холӣ барнагаштааст. Дар як гӯшаи осорхона тӯҳфаи Раҷ Капури афсонавӣ – сетори маъруфи ҳиндӣ, дар шафати он думбураву тор ва дутор аз Самарқанду Шаҳрисабз. Пӯшида нест, ки устод Ҷӯрабек Муродов ҳеҷ гоҳ робитаи худро бо ҷумҳурии мо накандааст ва дар асл миллионҳо нафар ҳаводорон низ доранд. Гузашта аз ин суҳбату мулоқотҳо бо аҳли ҳунари Ӯзбекистон дар тӯли даҳсолаҳо – дар ин ангораву аксҳо ва ҳадяҳо низ ифода ёфтаанд.

Аз роҳи тӯлонии ҳунарии устод – бештар аз 60 сол, ин осорхона ҳамагӣ «муште аз хирвор» мебошад, зеро сафару мулоқот ва ҳамкориҳои эҷодӣ бо бузургони давр – устодон Мирзо Турсунзода, Шароф Рашидов, Боймуҳаммад Ниёзов, Фахриддин Умаров, Лоиқ Шералӣ... худ як мактабу дунёст, ки ифодаву гуфтанаш ҷилдҳои китоб мегардад.

Дар омади гап бояд гуфт, ки устоди ҳунар порсол синни ҳаштодро пур карда, мисли анъана он бо намоиши барномаи нави консертии соҳибҷашн истиқбол гардид. Ҳоло, ки устоди устодони ҳунари тоҷик 81-умин баҳори умри бобаракати худро пешвоз гирифта, миллионҳо алоқамандони санъати худро дар сарзамину қитъаҳои гуногун ҳанӯз ҳам бо садои соҳир ва ҳунари воло шод мегардонад, зодрӯзашонро табрик мегӯем.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*ш. ХУҶАНД,*
*ТОҶИКИСТОН.*

***Суратгир: муаллиф.***

# «ГАР ЗИНДАГИСТ, ДИДА БА ДИДОР МЕРАСАД...»

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

Хеле хушҳол гардидем, ки ба туфайли назари некбинонаи роҳбари давлат дар шаҳри Самарқанд пайкараҳои Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакии Самарқандӣ ва Абулқосими Фирдавсӣ гузошта шудаанд. Пайкараҳои Мавлоно Абдураҳмони Ҷомию Мир Алишер Навоӣ ба маркази шаҳр кӯчонда шуда, ба шарафи онҳо боғи зебое бунёд гардидааст. Бешубҳа, чунин корҳои амалӣ ба қаробати беш аз пеши халқҳои ба ҳам дӯсту бародар – тоҷикону ӯзбекон мусоидат менамоянд.

– Ҳоло тартиби қабул ба муассисаҳои таълими олӣ мисли пешина нест. Бо ташаббуси Президент низоми қабул ба муассисаҳои таълими олӣ куллан тағйир ёфт, тартиби тест ҷорӣ шуд, баъзе таълимгоҳҳо ба ҳисоби хоҷагӣ гузаштанд, – гуфт дар омади гап узви гурӯҳ Махфират Ҷунайдова. – Низоми нави қабул имкон медиҳад, ки ҷавонони донишманд ва болаёқат ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шаванд. Хатмкунандагони мактаби таълими ҳамагонӣ метавонанд дар як вақт дар чанд донишгоҳ хонанд. Мо дар кишварҳои хориҷӣ хонданро орзу мекардем. Ҳоло ҷавонписарону гулдухтарони кишвар дар донишгоҳҳои бонуфузи Амрико, Чину Ҷопон ва Аврупо таҳсил карда, соҳиби ихтисос мешаванд. Сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ баланд бардошта мешавад...

Дуруст мегӯяд Махфират, ҷавонони чашмикордон имрӯз метавонанд ба сифати соҳибкор низ барои фаровонии мамлакат ва оилаи худ саҳм гузоранд. Мо бо чашми худ дида истодаем, ки ҷавонон дар ин ҷабҳа фаъоланд, соҳиби дукон ва корхонаҳои бузурганд. Пас, он рӯз дур нест, ки кишвари мо низ ба яке аз мамлакатҳои пешрафтаи дунё табдил меёбад.



Дидор ширин. Чанде аз аъзои гурӯҳ, баъди ду рӯзи дидорбинӣ, шаҳри бостониро бо дили кашол тарк гуфтанд.

**Ниёзмурод МУРОДОВ,**
**сардори гурӯҳ,**
**ноҳияи Узуни**
**вилояти Сурхондарё.**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1225.
Адади нашр 4537. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.